| № | Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 2012, №310» | |
|---|---|---|
| 1 | Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 2012, №310» |
| 2 | Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3 | Доираи шахсоне, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо паҳн мегардад | Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ |
| 4 | Муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 01.11.2024 |
| 5 | Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади маъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 августи соли 2024 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи қарори мазкур аз 12 август то 12 сентябри соли 2024 гузаронида шуд. |
| 6 | Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз руйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи қарори мазкур аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. |
| 7 | Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар | Лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 2012, №310» тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» дар асоси супориши протоколии ҷаласаи 15-уми Кумитаи ҳамоҳангсоз оид ба соддагардонии |

| | | |
|---|---|---|
| | ягон амал андешида нашавад | расмиёти савдои назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2022 (супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.12.2022, №46503 (22.6)) таҳия карда шудааст. |
| 8 | Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Лоиҳаи қарори мазкур тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат» таҳия гардида, Номгӯи молҳо (кор, хизматрасонӣ)-ро, ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд, ба танзим медарорад. |
| 9 | Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбинишудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Лоиҳаи мазкур аз 3 банд, инчунин замима иборат буда, Номгуи молҳо (кор, хизматрасонӣ)-ро, ки бояд хатман сертификатсия карда шаванд, ба танзим медарорад.<br>Лоиҳа бо дарназардошти таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва таҷрибаи ҷумҳурӣ доир Номгӯи молҳо (кор, хизматрасонӣ), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд, инчунин бо дарназардошти таҳия ва қабули регламентҳои техникӣ, инчунин принсиҳои муқаррарнамудаи савдои байналмилалӣ аз он ҷумла Созишномаи монеаҳои техникӣ дар савдои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо таҳия гардида, барои рушди соҳибкорӣ ва фазои озоди сармоягузорӣ мусоидат менамояд.<br>Дар лоиҳа чораҳои зерин пешбинӣ карда мешаванд:<br>- муайян намудани ташкил ва гузаронидани корҳо оид ба тасдиқи мутобиқати ҳатмии мол (кор, хизматрасонӣ) тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- дар лоиҳа Номгӯи молҳо (кор, хизматрасонӣ), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд, муайян гардидааст. |
| 10 | Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилои баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Лоиҳа дар маҷмӯъ барои ба танзим даровардан ва мукаммал намудани муносибатҳои соҳаи мазкур равона гардидааст.<br>Аз ҷониби таҳиякунанда чунин чораҳо (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) андешида шудаанд:<br>• фаҳмондадиҳӣ байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар муносибатҳои зикргардида иштирок менамоянд. |
| 11 | Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти | Лоиҳаи қарори мазкур аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузориро талаб намекунад.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур: |

| | | |
|---|---|---|
| | оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | - сатҳи хизматрасониҳо дар самти мазкур беҳтар мегардад;<br>- барои рушди соҳибкорӣ ва фазои озоди сармоягузорӣ мусоидат менамояд.<br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:<br>- ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон таъмин гардида, сифати хизматрасонӣ дар ин самт беҳтар мегардад;<br>- монеаҳои техникӣ дар савдо кам мегардад;<br>- Номгӯи молҳо (кор, хизматрасонӣ), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд, кам мегардад;<br>- расонидани зарар ба молу мулки истеъмолкунандагон пешгирӣ карда мешавад;<br>- баҳодиҳии (сертификата) мутобиқати хизматрасонӣ ба талаботи стандартҳои давлатӣ ва байналмилалӣ рохандозӣ мегардад.<br>Бо қабул гардидани лоиҳаи пешниҳодшуда Номгӯи молҳо (кор, хизматрасонӣ), ки бояд ҳатман сертификатсия карда шаванд дақиқ муайян гардида, он ба татбиқи дуруст ва яксони муқаррароти қонунгузории амалкунанда мусоидат хоҳад намуд. Бидуни ворид намудани тағйироти пешбинигардида ҳал намудани мушкилиҳои ҷойдошта, инчунин танзими масъалаи мазкур ғайриимкон мебошад. |
| 12 | Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва давлат ҳифз ва ҳимоя мегарданд. |
| 13 | Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 1 ноябри соли 2024 |